**ПРОТОКОЛИ №16**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди**

**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**

**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

**аз 10.07.2024** **ш. Хуҷанд**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037 баъди баррасии диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи Х1Х – нимаи аввали садаи ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ), тақризи роҳбари илмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоюнус Матлуба; хулосаи ҷаласаи васеи кафедраи адабиёти муосири тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», тақризи муассисаи пешбар – **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори китобхонаи марказии илмии ба номи «Индира Гандӣ»-и АМИТ – **Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур**, академики АМИТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Шурои диссертатсионӣ **– Салимӣ Носирҷон Юсуфзода,** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ – **Худойдодов Аъзам Овлододович**, муқарризони ғайрирасмиро шунида, баррасӣ карда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи Х1Х – нимаи аввали садаи ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) ба қоидаҳо, талабот ва меъёрҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии нашркардаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани дипломи доктори илмҳои филологӣ ба Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро ба ин қарори Шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

**Тарафдор – 15 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.**

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раисикунанда:**
**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Ҳасанзода А.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои филологӣ** **Ашрапов Б.П.**

**10.07.2024**